Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 декабри соли 2009 № 699

тасдиқ шудааст

**ҚОИДАҲОИ тартиби маблағгузории чорабиниҳо оид ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда**

**1. Муқаррароти умумӣ**

1) Қоидаҳои тартиби маблағгузории чорабиниҳо оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда тартиби умумии ҷудо намудани маблағҳоро аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чорабиниҳо оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда ва таъмини истифодабарии мақсадноки маблағҳои зикршударо, ки ба таври фаврӣ ба ҳал намудани масъалаҳои барқароркунии хонаҳо, биноҳои истеҳсолӣ ва иншооти таъминоти зисти аҳолӣ дар ноҳияҳои зарардида равона карда шудаанд, ба танзим медарорад.

**2. Тартиби маблағгузории чорабиниҳо оид ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда**

2) Чорабиниҳо оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда аз ҳисоби ташкилотҳое, ки дар минтақаҳои ҳолатҳои фавқулодда ҷойгиранд, воситаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, буҷетҳои дахлдор, фондҳои суғуртавӣ ва дигар манбаъҳо маблағгузорӣ карда мешавад.

3) Амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бояд тибқи тартиби муқарраргардида аз ҳолатҳои фавқулодда суғурта карда шаванд. Ҳангоми бар асари ҳолатҳои фавқулодда вайрон гаштани (зарар дидани) амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи суғуртавӣ пардохт карда мешавад.

4) Ҳангоми набудан ё норасоии воситаҳои мазкур барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда воситаҳои фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида ҷудо карда мешаванд. Микдор, ҳаҷми кӯмакпулии яквақтаина ба аҳолии зарардида ва тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

5) Дар дархост бояд маълумот дар бораи микдори ҳалокшудагон ва шахсони зарардида, ҳаҷми зарари расида, ҳаҷми маблағҳои ҷудогардида ва харҷгардидаи ташкилотҳо барои рафъи ҳолати фавқулодда, фондҳои суғуртавӣ_ва дагар манбаъҳо, ки барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда истифода гардидаанд, инчунин захираҳои воситаҳои моддию молиявӣ дарҷ карда шаванд.

6) Воситаҳои молиявӣ аз фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории чорабиниҳо ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи сатҳи ҳудудӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнисарҳадӣ дар асоси таснифоти муқарраргардидаи ҳолатҳои фавқулодда ҷудо карда мешаванд.

7) Асос барои ҷудо намудани воситаҳои молиявӣ аз фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоиши Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда мебошад, ки дар он ҳаҷми умумии маблағи ҷудогардида ва тақсимоти онҳо аз рӯи чорабиниҳои гузаронидашаванда нишон дода мешавад.

8) Воситаҳои молиявӣ аз фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои қисман пӯшонидани хароҷот барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда ҷудо карда мешаванд. Маблағгузории минбаъда (пурра)-и чорабиниҳои мазкур аз ҳисоби воситаҳои хусусии ташкилот, воситаҳои буҷаҳои дахлдор ва дигар манбаъҳо, дар ҳолатҳои зарурӣ бошад, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби инвеститсияҳои давлатӣ, ки дар буҷаи ҷумҳуриявӣ пешбинӣ гардидаанд, амалӣ мегардад.

9) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо намудани маблағҳоро барои таъмини зисти аввалиндараҷаи аҳолии зарардида на дертар аз 15 рӯз ва маблағгузории дигар чорабиниҳоро, ки аз тарафи Қоидаҳои мазкур пешбинӣ гардидаанд, на дертар аз як моҳ аз рӯзи қабули фармоиши дахлдор амалӣ месозад.

10) Бо мақсади баланд бардоштани фаврияти гузаронидани чорабиниҳои таъхирнопазир оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад, аз фонди захираҳои фаврии воситаҳои молиявию моддӣ, ки ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд, истифода барад. Фонди захираҳои фаврӣ аз ҳисоби кӯмакҳои башардӯстона, воситаҳои молиявии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ созмон дода мешавад. Тартиби созмондиҳии фонди мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

11) Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллин ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва ташкилотҳо ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида ҳисоботи хароҷоти маблағҳоро пешниҳод менамоянд. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз гузаронидани санҷиши назоратӣ дар мӯҳлати муқарраргардида ҳисоботи ҷамъбастии семоҳа ва солонаро оид ба хароҷоти мақсадноки маблағҳои ҷудогардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

12) Маблағҳои пулии фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда ҷудо гардида, метавонанд бо мақсадҳои зерин истифода шаванд:

а) гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва дигар корҳо барои бартараф намудани хавфу хатар ба ҳаёт ва саломатии одамон дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, инчунин барои гузаронидани чорабиниҳои таъҷилӣ ҷиҳати пешгирӣ ва маадуд кардани садамаҳо дар иншооти эҳтимолан хавфнок;

б) гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ дар иншооти хоҷагии манзилию коммуналӣ, соҳаи иҷтимоӣ, саноат, энергетика, нақлиёт, алоқа ва кишоварзӣ, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд;

в) харидорӣ намудани техникаи махсус, воситаҳои муҳофизатӣ, асбобҳо ва дастгоҳҳо барои таҷҳизонидани сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ;

г) хароҷот вобаста ба кӯчонидани одамон (эвакуатсия) аз мавзеъҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокат;

д) расонидани кӯмаки молиявӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бар асари ҳолатҳои фавқулодда амволашон зарар дидааст;

ж) тибқи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон расонидани кӯмакпулии яквақтаина ба аҳолӣ, ки амволашон бар асари ҳолатҳои фавқулодда зарар дидааст;

з) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидани кӯмакпулии яквақтаина ва додани қарзҳои имтиёзнок ба аҳолӣ, ки аз минтақаҳои хавфнок кӯчонида мешаванд;

к) гузаронидани чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳолатҳои фавқулодда;

л) гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ;

м) гузаронидани чорабиниҳои таъҷилии эҳтиётӣ оид ба ҳифзи маҳалҳои аҳолинишин ва мавзеъҳо дар ҳолати таҳдиди пайдошавии ҳолатҳои фавқулодда, ки ба равандҳои хавфноки табиӣ ва зухурот вобастаанд (обхезӣ, сӯхторҳои ҷангал, тармаҳо, ҷараёнҳои селӣ);

н) таъмини корҳо оид ба ҷустуҷӯ ва гӯронидани манбаъҳои радиоактивии "бесоҳиб" ва партовҳои радиоактивӣ;

о) тайёр намудан ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба таҳқиқот ва нобуд сохтани захираи маводи хавфноки тарканда, оташангез, заҳролудкунанда;

п) харидорӣ намудани сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ;

р) таъҷилан расонидани гурӯҳҳои наҷотдиҳандагон, мутахассисон, захираҳои моддӣ, техникаи махсус, таҷҳизот ва лавозимот ба минтақаи пайдоиши ҳолатҳои фавқулодда, инчунин ҳангоми сафари наҷотдиҳандагон барои иштирок дар чорабиниҳои байналмилалии башардӯстона ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар дигар кишварҳо мувофиқи созишномаҳои байналмилалии имзогардида.